*Диаграмма №1*

***Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023***

*млн. доллар*




*Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон **2 690,4 млн. долларро** ташкил додааст, ки ин нишодиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба ҳаҷми **113,6 млн. доллар** ё **4,4 фоиз** зиёд мебошад.*

*Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ асосан аз ҳисоби дигар намуди сармоягузорӣ ба ҳаҷми **510,7 млн. доллар** ё **26,1 фоиз** таъмин гардидааст.*

*Дар ин давра, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ **221,4 млн. долларро** ташкил дода, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми **397,0 млн. доллар** ё **64,2 фоиз** коҳиш ёфтааст.*

***Диаграмма №2***

***Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 аз рӯи соҳаҳо***

***млн. доллар***







*Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ асосан ба соҳаҳои миёнаравии молиявӣ 2 220,0 млн. доллар, саноати истихроҷ – 279,0 млн. доллар, сохтмон – 54,4 млн. доллар, саноати коркард – 37,7 млн. доллар, савдои яклухт ва чакана – 27,9 млн. доллар, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа – 25,2 млн. доллар, кишоварзӣ – 21,6 млн. доллар ва 24,6 млн. доллар ба дигар соҳаҳо равона гардидааст.*

*Агар дар соли 2022 ҳиссаи миёнаравии молиявӣ – 53 фоиз, саноати истихроҷ – 25 фоиз, саноати коркард – 8 фоиз ва сохтмон – 7 фоизро аз ҳаҷми умумии воридоти сармояи хориҷӣ ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 мутаносибан ба 82,6 фоиз, 10,4 фоиз, 1,4 фоиз ва 2 фоиз расидааст.*

*Дар ин робита бояд қайд намуд, ки афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 асосан ас ҳисоби миёнаравии молиявӣ дар ҳаҷми 861,7 млн. доллар ё 63,4 фоиз таъмин гардидааст.*

***Диаграмма №3***

***Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 аз рӯи соҳаҳо***

***млн. доллар***







*Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ 221,4 млн. долларо ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст.*

*Коҳишёбии воридоти сармояи мустақими хориҷӣ асосан дар соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷ дида мешавад, ки дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 ин нишондиҳанда мутаносибан ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 70,5 млн. доллар ё 67,5 фоиз ва 256,9 млн. доллар ё 72,6 фоиз кам шудааст.*

*Афзоиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 дар соҳаи кишоварзӣ дида мешавад, ки воридоти сармоя ба ин соҳа нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 21,1 млн. доллар ё 5176,6 фоиз зиёд гардидааст.*

***Диаграмма №4***

***Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 аз рӯи давлатҳо***

***млн. доллар***




*Дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 аз давлатҳои даҳгонаи аввал воридоти сармояи хориҷӣ нисбат ба соли 2022 коҳиш ёфта, танҳо аз Люксембург афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ дар ҳаҷми 35,2 млн. доллар ё 83,7 фоиз мушоҳида карда мешавад.*

*Маврид ба зикр аст, ки афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 асосан аз ҳисоби давлатҳое, ки ба рӯйхати «дигар давлатҳо» ворид гардидаанд, ба ҳаҷми 839,4 млн. доллар ё 85,4 фоиз таъмин гаридааст.*

*Вобаста ба ин, аз ҷониби Раёсати таҳлил бо масъулини Бонки миллӣ вобаста ба масъалаи мазкур корбарӣ оғоз гардида, тибқи иттилои намояндагони Бонки миллӣ методологияи омори воридоти сармояи хориҷӣ ҷиҳати пурра намудани рӯйхати давлатҳо, дар марҳилаи такмилдиҳӣ қарор дорад.*

***Диаграмма №5***

***Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 аз рӯи давлатҳо***

***млн. доллар***




*Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2 фоиз коҳиш ёфта, афзоиши он аз давлатҳои алоҳида, аз ҷумла Туркия – 4,2 млн. доллар ё 49,5 фоиз, Ҷумҳурии Қазоқистон – 7,2 млн. доллар ё 148,2 фоиз, Ҷопон – 4,7 млн. доллар ё 136,4 фоиз ва Ҷазираҳои Вирҷин – 2,7 млн. доллар ё 78,4 фоиз мушоҳида карда мешавад.*

***Диаграмма №6***
***Воридоти сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023***

*млн.доллар*




*Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 сармояи хориҷӣ асосан ба шаҳри Душанбе ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 505,3 млн. доллар ё 31,5 фоиз афзоиш ёфтааст.*

*Ба вилоятҳои Суғд – 549,3 млн. доллар ва Хатлон – 22,6 млн. доллар ворид гардида, ин нишондод мутаносибан нисбат ба соли гузашта дар ҳаҷми 268,8 млн. доллар ё 32,9 фоиз ва 93,2 млн. доллар ё 80,5 фоиз кам мебошад.*

*Ба шаҳри ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин давра ҳамагӣ 6,3 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 29,6 млн. доллар ё 82,6 фоиз коҳиш ёфта, воридоти сармояи мустақим ба қайд гирифта нашудааст.*

*Ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар миқёси он 12 корхона бо саҳми хориҷӣ фаъолият дорад, дар ин давра воридоти сармояи хориҷӣ дар ҳамаи таркибаш дида намешавад.*